**ҚАРОРИ**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№15**

**аз 23 ноябри соли 2012** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба баррасии парвандаҳо марбут ба бандитизм**
***(бо тағйиру иловаҳое, ки бо қарори Пленум аз 14 июни соли 2013, №8 ворид гардиданд)***

Бинобар қабул ва мавриди амал қарор додани Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳрири соли 1998 (минбаъд КҶ), ворид намудани тағйиру иловаҳо ба он, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи силоҳ» аз 19 марти соли 2013, дар асоси моддаи 27-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

**Қ А Р О Р К А Р Д:**

1. Диққати мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо ба он ҷалб карда шавад, ки бандитизм яке аз ҷинояти махсусан хавфнок буда, таҳдиди воқеиро нисбат ба бехатарии шахсии шаҳрвандон ва молу мулки онҳо, ҳамчунин барои фаъолияти мӯътадили ташкилотҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва хусусӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолият ба вуҷуд меорад.

Аз ин рӯ, ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо зарур аст, ки ҳангоми пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва баррасии парвандаҳо марбут ба ҷиноятҳое, ки аз ҷониби гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устувор бо мақсади ҳуҷум ба шаҳрвандон ё ташкилот, ҳамчунин роҳбарӣ ба чунин гурӯҳ (даста), иштирок дар гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устувор ё дар ҳуҷумҳои анҷоммедодаи он, муайян кардани он, ки оё дар ҳаракатҳои гурӯҳҳои (дастаи) мазкур аломати бандитизм ҷой дорад ё не ва нисбати тамоми шахсоне, ки дар таъсис додани гурӯҳ (даста) гунаҳгоранд ва дар ин гурӯҳҳо (дастаҳо) ё ҳуҷумҳои онҳо иштирок кардаанд, ки бо қонун ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст, чораҳои дахлдорро андешанд.

2. Зери гурӯҳ (даста) бояд гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устувори созмонёфтае фаҳмида шавад, ки аз ду ё зиёда шахс иборат буда, пешакӣ барои содир кардани як ё якчанд ҳуҷум ба шаҳрвандон ё ташкилот муттаҳид шудаанд.

Аз дигар гурӯҳи созмонёфта гурӯҳ (даста) бо мусаллаҳӣ ва мақсади ҷинояткоронаи худ - ҳуҷум ба шаҳрвандон ё ташкилот тафовут дорад.

3. Аломатҳои зерин аз устувории гурӯҳ (даста) шаҳодат дода метавонанд: босуббот будани ҳайати гурӯҳ (даста); вобастагии зич миёни аъзоёни он; бо ҳам мувофиқ карда шудани ҳаракатҳо байни онҳо; тағйирнопазирии шакл ва усулҳои фаъолияти ҷинояткории онҳо.

4.Аломати ҳатмии гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устувор, ки бо моддаи 186-и КҶ пешбинӣ шудааст, ин силоҳнокии он мебошад. Пеш аз ҳама ин силоҳи оташфишони ҷангӣ ва шикорӣ, силоҳи сарди истеҳсоли саноатӣ ва худсоз, ҳаргуна воситаҳои тарканда, силоҳи газӣ, пневматикӣ фаҳмида мешаванд. Ҳангоми ҳалли масъала ҷиҳати эътироф намудани предметҳое, ки аъзоёни гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устувор дар ҳуҷумҳо ба шаҳрвандон ё ташкилот ба сифати силоҳ истифода бурдаанд, бояд муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи силоҳ» ва дар ҳолатҳои зарурӣ бошад хулосаи экспертизаҳо (баллистикӣ, кимиёвӣ, трассологӣ ва ғайраҳо) бояд дастрас карда шаванд.

Гурӯҳ (даста) мусаллаҳ эътироф мешавад, ҳатто дар мавриди мавҷуд будани силоҳ дар дасти яке аз аъзоёни он ва аз ин огоҳ будани дигар аъзоёни гурӯҳ (даста).

Дар ҳолати мавҷуд будани силоҳ ё предметҳои корношоям, ки ба силоҳ монанданд (масалан, моделҳои автомат ё таппонча) аломати мусаллаҳии гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устувори бандитизмро ташкил намедиҳад. Дар ин ҳолат кирдори гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устувори ҷинояткорона ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзанӣ ё дигар ҷиноят банду баст карда мешавад, на барои бандитизм бо моддаи 186-и КҶ.

Азбаски бандитизм ҷой доштани силоҳи оташфишон ё сардро дар дасти ҳатто яке аз аъзоёни гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устувор дар бар мегирад, аз ин рӯ, иловатан бо моддаи 195-и КҶ банду баст намуданро талаб наменамояд.

5. Зери мафҳуми ташкил намудани гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устувор чунин ҳаракатҳое фаҳмида мешаванд, ки дар натиҷаи он гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устувор бо мақсади содир намудани ҳуҷум ба шаҳрвандон ё ташкилот таъсис дода мешавад. Ин дар қабул намудани қарор оид ба таъсиси чунин гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устувор, маслиҳат оид ба ҷалб намудани шарикон, дарёфтани силоҳ, тартиб додани нақша ва тақсими вазифаҳо байни аъзоёни гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устувор ифода меёбад.

Ташкил намудани гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устувор мувофиқи қисми 1 моддаи 186-и КҶ новобаста аз оне, ки ҷиноятҳои ба нақша гирифташуда содир шудаанд ё не, таркиби хотимаёфта дониста мешавад.

Дар ҳолате, ки ҳаракатҳои фаъолона ба таъсис додани гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устувор равона шуда, бинобар саривақт пешгирӣ намудани он аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ё бо дигар сабабҳои аз ин шахс вобастанабуда бо таъсис ёфтани гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устувор оварда нарасонидааст, ҳаракатҳои мазкур бояд ҳамчун сӯиқасди ташкили гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устувор бо қисми 3 моддаи 32 ва моддаи 186-и КҶ банду баст карда шавад.

6.Таҳти мафҳуми роҳбарӣ намудан ба гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устувор қабул намудани қарорҳое, ки бо тартиб додани нақша, таъминоти моддии ташкили фаъолияти ҷинояткоронаи даста, инчунин ба содир намудани ҳуҷумҳои мушаххас алоқаманд мебошанд, фаҳмида мешавад.

7. Мафҳуми иштирок кардан дар гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устувор на танҳо бевосита иштирок намудан дар ҳуҷумҳои анҷоммедодаи он, инчунин аз ҷониби аъзои даста иҷро кардани дигар ҳаракатҳои фаъолонаро дар назар дорад, ки ба маблағгузорӣ, таъмини силоҳ, воситаи нақлиёт, ҷустуҷӯ намудани объектҳо барои ҳуҷум ва ғайра равона шудаанд.

8. Мутобиқи талаботи қисми 2 моддаи 186-и КҶ ҳамчун бандитизм иштирок дар ҳуҷуми анҷоммедодаи он ҳаракати чунин шахсе низ банду баст карда мешавад, ки аъзои гурӯҳ (даста) намебошад, вале дарк мекунад, ки дар ҷиноятҳои аз ҷониби гурӯҳ (даста) анҷоммедода иштирок дорад.

Ҳаракати шахсе, ки аъзои гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳ набуда ва дар ҳуҷумҳои содиршудаи он иштирок накарда, аммо дар фаъолияти ҷинояткоронаи он мусоидат кардааст (масалан, таъмин намудан бо хӯрок, расонидани ёрии тиббӣ, расонидани ёрии молиявӣ ва ғайраҳо), бояд бо моддаҳои 36, 186-и КҶ банду баст карда шавад.

9. Ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо тавзеҳот дода шавад, ки зери мафҳуми ҳуҷум чунин ҳаракатҳое фаҳмида мешавад, ки он барои ноил шудан ба натиҷаҳои ҷиноятӣ бо роҳи истифодаи зӯроварӣ нисбат ба ҷабрдида ва ё бо роҳи ба миён овардани таҳдиди воқеӣ оид бо истифодаи зӯроварӣ равона карда шудааст.

Ҳуҷуми гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устувор дар сурате низ анҷомёфта эътироф карда мешавад, ки агар аъзоёни гурӯҳ (даста) силоҳи мавҷудбударо истифода набурда, ба мақсади ҷиноят аз ҳисоби таҳдиди шифоҳӣ ё воқеии истифодаи он нисбати ҷабрдида ҷой дошта бошанд.

10. Мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки моддаи 186-и КҶ ҳамчун аломати ҳатмии бандитизм ягон гуна мақсади мушаххаси ҳуҷумҳои содирнамудаи гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устуворро пешбинӣ накардааст. Ин на танҳо бевосита аз худ кардани молу мулк, маблағи пулӣ ё дигар арзишҳои қимматбаҳои шаҳрвандон ё ташкилот, балки куштор, таҷовуз ба номус, тамаъҷӯӣ, несту нобуд кардани молу мулки ғайр ва ҳоказоро низ дар бар мегирад.

11.Бо назардошти моддаи 38-и КҶ мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо бояд ба инобат

гиранд, ки барои содир кардани ҷинояти аъзои гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устувор, ки шарикони дигар қасди онро надоштанд, дигар аъзоёни гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устувор ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешаванд (ифроти (эксцесс) иҷрокунандаи ҷиноят).

12. Мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо бояд ба инобат гиранд, ки тибқи талаботи қисми 9 моддаи 39-и КҶ иштирокчии гурӯҳи (дастаи) устувор (иштирокчии гурӯҳи муташаккил), ки ихтиёран ба мақомоти ҳокимият ҳозир шуда, то содир гардидани дигар ҷиноят дар ошкор намудани нияти ҷиноятқорона фаъолона мусоидат намудааст, агар дар кирдори ӯ аломатҳои таркиби ҷинояти дигар мавҷуд набошад аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад.

13. Мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки моддаи 186-и КҶ ҷавобгарии ҷиноятиро барои ташкили гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устувор, иштирок дар дастаи мусаллаҳи устувор ё дар ҳуҷумҳои анҷоммедодаи он муқаррар намуда, ҷавобгариро барои оқибатҳои эҳтимолии ҳаракатҳои ҷиноятқоронаи гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устувор, ки бинобар ин банду басти иловагии оқибатҳои ҷиноятқоронаи ҳуҷумҳое, ки таркиби мустақилро ташкил мекунанд, талаб менамоянд.

14. Диққати мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо ба он ҷалб карда шавад, ки мутобиқи моддаи 186-и КҶ содир намудани ҳар гуна шакли бандитизм, ки бо қонун пешбинӣ шудааст танҳо бо қасди бевосита имконият дорад.

Субъекти ҷинояти мазкур шахси ба синни 16 -сола расида шуда метавонад. Шахсони аз синни 14 то 16 -сола, ки ҳар гуна ҷиноятро дар ҳайати гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устувор содир намудаанд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо барои ҳамон ҷиноятҳои мушаххас, ки ҷавобгарии ҷиноятиро аз синни 14- солагӣ пешбинӣ намудааст, кашида мешавад (моддаи 23-и КҶ).

15. Бандитизм аз дигар ҷиноятҳое, ки аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо истифодаи зӯроварӣ (қисмҳои 2 ва 3 моддаи 248, қисми 3 моддаи 249-и КҶ) содир шудааст, бо дараҷаи баланди ташкилии дохила, устуворӣ, муттаҳидӣ, силоҳнокии ҷиноятқоронаи гурӯҳ (даста) фарқият дорад.

Аз ҷумла, бандитизм бо аломатҳои зерин аз роҳзанӣ фарқ мекунад:

-бандитизм мавҷудияти силоҳнокиро дар аъзоёни гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устувор талаб менамояд, ҳангоми содир намудани роҳзанӣ бошад на танҳо мавҷудияти силоҳ, балки истифодаи он зарур аст;

-ҳангоми роҳзанӣ ба сифати силоҳ предметҳое, ки аслан силоҳ намебошанд истифода бурда мешаванд, барои таркиби бандитизм бошад мавҷудияти силоҳҳо, ки махсус барои нобуд сохтани нишони зинда таъин шудааст, ҳатмӣ мебошад;

-таркиби бандитизм аз лаҳзаи ташкил кардани гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устувор, роҳзанӣ бошад аз лаҳзаи ҳуҷум бо мақсади тассаруфи молу мулки ғайр, ки бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё бо таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ содир гардидааст, хотимаёфта эътироф карда мешавад.

16. Диққати суд, судяҳо ба риояи дақиқи принсипи фардикунонии ҷавобгарӣ ҳангоми таъини ҷазо нисбати шахсони дар содир намудани бандитизм гунаҳгор, ҷалб карда шавад. Бо ин мақсад бояд тамоми маҷмӯи ҳолатҳои парванда, шахсияти судшавандагон: нақш ва дараҷаи иштироки шахс дар ташкил ва фаъолияти ҷиноятқоронаи гурӯҳ (даста), вазнинии оқибатҳое, ки дар натиҷаи ҳуҷумҳои анҷоммедода фаро расидаанд ва ғайра муайян кардашуда, ба инобат гирифта шаванд.

17. Бо қабули Қарори мазкур Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳо марбут ба бандитизм» аз 26 июни соли 1997 таҳти №3 аз эътибор соқит дониста шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Н.Абдуллоев**

**Котиби Пленум,**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М.Саидов**